**«Тасдиқ менамоям»**
**Раиси Шӯро - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон**

**_________имзо____________**
**« 24 » 03 соли 2018**

# ПРОТОКОЛИ
## ҷаласаи XVIII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 26 январи соли 2018

**Дар ҷаласа аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсони масъули даъватшуда иштирок карданд (Замимаи № 1).**

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика.
3. Гузориш дар бораи фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Суғд.
4. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши бонкдорӣ ва молия.
5. Дар бораи тасдиқи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи оянадаи Шӯрои машваратӣ:

- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм;

- муаррифии таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XVIII Шӯроро оғоз намуда, Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҳамрализода Фаррух, Роҳбари нави Намояндагии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Айтен Рустамова, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ - Шараф Шерализода ва аъзои нави Шӯрои машваратиро ба ҳозирин муаррифӣ намуданд.

**Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа,** гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳамрализода Фаррух шунида шуд.

Қайд гардид, ки бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Сарвари давлат Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ давоми 10 соли фаъолияти пурсамар барои таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодии кишвар иқдомоти зиёди созандагию бунёдкориро амалӣ намудааст. Дар ин давра таҳти роҳбарии Пешвои миллат барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ 17 ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, чор мулоқоти мустақим бо сармоягузорону соҳибкорон, теъдоди зиёди вохӯриҳо бо аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо мушкилоту монеаҳои ҷойдошта баррасӣ ва ҷиҳати бартараф кардани онҳо тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардиданд.

Дар доираи Консепсияи сиёсати нави тарифӣ дар соҳаи энергетикаи барқӣ ва Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи якуми амалигардонии он барои солҳои 2017 – 2020 Методологияи нави тарифӣ аз ҷониби Ҳукумат аз 26 майи соли 2017 тасдиқ ва аз моҳи октябр мавриди амал қарор дода шуд.

Тибқи арзёбиҳои байналмилалии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”- и Бонки ҷаҳонӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 устувор гардида, бо ба даст овардани 56,86 фоизи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ 5 зина боло рафт.

Дар доираи татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», ки дар таҳрири нав соли 2015 қабул ва аз 1 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шуда, дар маҷмуъ 186 757 санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор гузаронида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 97 ҳазору 754 санҷиш кам мебошад.

Моҳи августи соли 2017 рейтинги кредитии соҳибихтёрии Тоҷикистон аз ҷониби Агентии рейтингии байналмилалии Moody's (Moody's Investors Service) ва Агентии S&P (Standard and Poors) дар сатҳи "B3 – рушди устувор" муқаррар шуд.

Дар муҳокимарониҳо аз ҳисоби шарикони рушд Кристин Лаабс - Роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, Айтен Рустамова – Роҳбари намояндагии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Тоҷикистон ва аз ҳисоби бахши хусусӣ Давлатов Суҳроб, Директори ҶДММ Корпоратсияи “Моҳии Тоҷик”, Зеваршои Рустам, Директори кооперативи “Зиндагӣ” баромад намуда, оид ба масъалаҳои молиявию бонкӣ, санҷиши фаъолияти соҳибкорон, андоз, татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои гуногун, мукаммалсозии лоиҳаи қонуни ҳунармандӣ, ҳавасмандсозии соҳибкорон барои ворид ва истеҳсол

кардани таҷҳизоту технологияҳои каммасрафи барқӣ пешниҳоду таклифҳо карданд.

**Масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа** ба таҳлили беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои нақлиёт ва логистика ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо дар ин самт бахшида шуда, вобаста ба натиҷаҳои он гузориши Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Худоёрзода Худоёр шунида шуд.

Оид ба масъалаи мазкур, Пешвои миллат иброз доштанд, ки баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва марҳилаи нави он – ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар муайян шуда, рушди соҳа, ҳамчунин ба болоравии рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ, тақвият бахшидани нерӯи содиротии кишвар, ташкили инфрасохтори зарурӣ дар шафати роҳҳои байналмилалӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва ба ин васила баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар муҳокимарониҳо аз ҳисоби шарикони рушд Прадип Шривастава - Роҳбари намояндагии Бонки рушди Осиё дар Тоҷикистон, Танабэ Ҳидеки – Намояндаи Агентӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон дар Тоҷикистон ва аз ҳисоби бахши хусусӣ Абдумумин Абдусамадов - Раиси ҶДММ “Тоҷиквнештранс” баромад намуда, оид ба рушди соҳаи нақлиёт, нигоҳубин ва идораи беҳтари инфрасохтори мавҷудаи соҳа, аз байн бурдани такроршавии равандҳо барои ҳамлу нақл, дар ҳамкорӣ бо мақомоти сарҳадии кишварҳои минтақа ба роҳ мондани назорати муштараки бор, ҳамлу нақл ва дигар интиқолҳо пешниҳоду таклифҳо карданд.

**Аз рӯи масъалаи сеюми** рӯзномаи ҷаласа, гузориши Раҷаббой Аҳмадзода, и.в. Раиси вилояти Суғд дар бораи фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани

фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Суғд шунида шуд.

Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти кишвар зимни баррасии ин масъала истифодаи бештари имкониятҳои иқтисодии минтақаро, бахусус дар радифи таҳким бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, фаъол гардонидани иштироки соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорон дар татбиқиислоҳот, инчунин таъмини рушди иқтисодиёти минтақаҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

**Тибқи банди чоруми рӯзномаи ҷаласа** натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши бонкдорӣ ва молияро Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода муаррифӣ намуд.

Дар муҳокима аз ҳисоби бахши хусусӣ Рамеш Худоиев, Раиси ҶСК «Казкоммерсбонк», Алишер Шерназаров, Директори ҶСК «Биржаи Осиёи Марказӣ» маърӯза намуда, дар самти беҳдошти хизматрасониҳои пардохти ғайринақдӣ ва фаъол гардонидани амалиёт бо коғазҳои қиматнок таклифҳо пешниҳод карда шуд.

**Оид ба масъалаи ниҳоии** рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрализода Фаррух гузориш дода, масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши маориф ва илм, инчунин муаррифии таҳлили масъалаҳои низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшавандаро барои баррасӣ ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намуд, ки аз тарафи аъзои Шӯро ҷонибдорӣ карда шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуктаҳои зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зерин доданд:

1. Вазорати нақлиёт:

- якҷо бо сохторҳои дахлдор дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ ва созишномаҳои эътирофкардаи ҷумҳурӣ Кодекси нави автомобилии ҷумҳуриро таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд;

- дар раванди бозбинии стратегия ва барномаҳои давлатии соҳаи нақлиёт пешниҳодоти бахши хусусӣ, аз ҷумла вобаста ба санаду меъёрҳои танзимкунандаи ҳамлу нақли автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ, содирот, воридот, транзит ва реэкспорт ба инобат гирифта шавад;

- бо мақсади ба интиқолдиҳандагони байналмилалӣ муаррифи кардани ҷумҳурӣ ҳамчун кишвари барои ҳамлу нақл мусоид дар минтақа ва арсаи байналмилалӣ тадбирҳои зарурӣ андешад;

- якҷо бо мақомоти дахлдор бо мақсади нигоҳдорӣ ва ҳифзи роҳҳои автомобилии кишвар ҷиҳати пешгирӣ намудани рафтуои автомобилҳои гаронвазни хориҷӣ дар роҳҳои кишвар тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд;

- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши нақлиёт ва логистикаро бо дарназардошти пешниҳодҳои дар ҷаласа баёнгардида мукаммал намуда, ҳарчӣ зудтар ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

2. Агентии авиатсияи граждании;

- якҷо бо Вазорати нақлиёт қисмати дахлдори лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои ба ҷаласа манзуршударо ҷиҳати рушди нақлиёти ҳавоӣ, бо таҷҳизоти муосир таъмин намудани соҳаи аэронавигатсия, рушди транзит, баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ такмил дода, тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- оид ба роҳҳои рушди авиатсияи гражданӣ дар ҷумҳурӣ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ таклифҳои мушаххас пешниҳод намояд;

- барои татбиқи сиёсати “Осмони кушод”, аз ҷумла барои мусофирбарию боркашонӣ, зиёд намудани хатсайрҳои ҳавоӣ аз кишварҳои Аврупо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва минтақаи Укёнуси Ором ба фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ва дар ин замина тақвият бахшидан ба иқтидори транзитии кишвар тамоми чораҳои заруриро амалӣ намояд.

3. Вазорати корҳои хориҷӣ дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ масъалаи ба гузаргоҳи “Қарамиқ”-и миёни Тоҷикистону Қирғизистон додани мақоми байналмилалиро асоснок намуда, тибқи тартиби муқарраргардида барои ҳалли масъала тадбирҳои амалӣ андешад.

4. Бонки миллӣ ва Вазорати молия ҷараёни ҷорӣ намудани идоракунии корпоративиро дар низоми молиявию қарзии кишвар тақвият дода, механизми фаъолияти шаффофи бонкҳо ва дар ин замина баланд бардоштани эътимод ба онҳоро татбиқ намоянд.

5. Бонки миллӣ:

- механизми суғуртаи ихтиёрии амонатҳо ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо ҷалби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон, Намояндагии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Тоҷикистон ва дигар шарикони рушд) таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намояд;

- якҷо бо Вазорати маориф ва илм мониторинг ва арзёбии омода намудани мутахассисони соҳаи бонкиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида, оид ба такмили барномаҳои таълимӣ ва услуби таълим дар ин самт корҳои амалиро ба анҷом расонанд.

6. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ:

- дар ҳамкорӣ бо коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод кардани лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумат оид беҳтар намудани мавқеи кишвар дар арзёбии "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ тадбирҳои заруриро амалӣ намояд;

- якҷо бо вазорату идораҳо барои боз ҳам беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии агентиҳои рейтингии ҷаҳонӣ, идомаи ислоҳот дар самти содда гардонидани расмиёти танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ, маъмурикунонии андоз, бақайдгирии моликият, дастрасӣ ба қарз, расмиёти тиҷорати байналмилалӣ, таъмини иҷрои қарордод ва ҳалли масъалаи пардохтпазирӣ тадбирҳо андешад;

- бо мақсади пешгирии таҳлилҳои такроршаванда таҳияи ҳисоботу таҳлилҳои соҳавӣ, пешниҳодоту тавсияҳоро, ки бо ҷалби коршиносони дохилию хориҷӣ амалӣ мегарданд, дар ҳамоҳангсозӣ бо мақомоту идораҳо, бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ монад;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва шарикони рушд арзёбии самаранокии фаъолияти мушовирони байналмилалӣ ва маҳаллӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва маблағҳои ба онҳо аз ҳисоби лоиҳаҳо сарфшударо гузаронида, натиҷаҳои онро бо хулосаву тавсияҳои мушаххас ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намояд ва дар ин замина ҷиҳати зиёд намудани мушовирони маҳаллӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо дарназардошти таҳлил ва ба инобат гирифтани пешниҳодот ва фикру мулоҳизаҳои бахши хусусӣ ҷиҳати пайгирӣ ва ҳалли мунтазами мушкилоту монеаҳои рушди соҳибкорӣ дар вилоят тадбирҳои амалӣ андешад.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳру ноҳияҳо ба фаъолияти шӯроҳои машваратии назди раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тақвият бахшида, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ пешниҳоду хулосаҳои худро мунтазам манзур намоянд.

9. Вазорати маориф ва илм якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби вазорату идораҳо, бахши хусусӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва илм таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронанд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои оянадаи Шӯро пешниҳод намоянд.

10. Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода,оид ба низоми андозбандию гумрукӣ ва самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда таҳлилҳои гузаронидашудаеро баррасию ҷамъбаст ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои оянадаи Шӯро пешниҳод намоянд.

11. Котиби масъули Шӯро бо мақсади тақвият бахшидан ва ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти Шӯрои машваратӣ якҷо бо вазорати адлия Дастур ва Низомномаи Шӯрои машваратиро такмил

дода, бо тартиби муқарраргардида барои тасдиқ пешниҳод намояд.

12. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ гузориши Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар ВМКБ оид ба фаъолияти Шӯрои назди Раиси ВМКБ манзур карда шавад.

13. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад:

- дар раванди мақоми байналмилалӣ додан ба гузаргоҳи “Қарамиқ”-и миёни Тоҷикистону Қирғизистон кӯмаки амалии худро расонанд;

- ҷиҳати ба КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” ва КВД “Тоҷикаэронавигатсия” пешниҳод намудани қарзи имтиёзнок ва грантҳо корҳоро вусъат бахшанд;

- дар амалисозии стратегияи шарикӣ бо Тоҷикистон ва нақшаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавқеи ҷуғрофии кишварро ба инобат гирифта, ҳангоми ҷалб намудани машваратчиён ва коршиносони дохилию хориҷӣ ба касбияти онҳо диққати бештар диҳанд;

14. ҶДММ Корпоратсияи “Моҳии тоҷик” ҷиҳати зиёд намудани навъҳои хушзоти моҳӣ дар обанборҳо ва ҳавзҳои кишвар (бахусус навъи форел) тадбирҳои зарурӣ андешад.

15. Номзадии ҳайати нави аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ (13 нафар), сармоягузорони хориҷӣ (1 нафар) ва шарикони рушд (3 нафар) тибқи замимаи № 2 протоколи мазкур тасдиқ карда шаванд.

16. Ваколатҳои аъзои Шӯрои машваратӣ бинобар ба итмом расидани мӯҳлаташон, тибқи замимаи № 3 протоколи мазкур қатъ карда шавад.

17. Номзадии Шерализода Шараф ба вазифаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тасдиқ карда шавад.

18. Ваколати собиқ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Абдуғаффорзода

Нуъмон бинобар сабаби аз таърихи 30 июни соли 2017 ба кори дигар гузаштанаш қатъкардашуда ҳисобида шавад.

Котиби масъули Шӯро,
Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи Имзо
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Ҳамрализода

Роҳбари Котиботи Шӯрои
машваратии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Имзо
беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Ш. Шерализода

*Замимаи №2 ба банди 19*
*Протоколи ҷаласаи XVIII Шӯрои машваратии*
*назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ*
*аз 26 январи соли 2018*

**Рӯйхати аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ**

| № | Ному насаб | Вазифа | Ширкат |
|---|---|---|---|
| **Шаҳри Душанбе** | | | |
| **1.** | Қосимов Азамат | Директор | ҶСП «Фароз» |
| **2.** | Икромова Нигина | Раис | Иттифоқи Ҳунармандони Тоҷикистон |
| **Вилояти Хатлон** | | | |
| **3.** | Ҳакимов Исломиддин | Директор | ҶДММ “Беҳамто” |
| **4.** | Давлатов Сухроб | Директор | ҶДММ “Корпоратсияи Моҳии Тоҷик” |
| **5.** | Бозоралӣ Одина | Роҳбар | ҶСК “Комбинати шири Кӯлоб” |
| **Вилояти Суғд** | | | |
| **6.** | Орифов Искандар | Директор | ҶДММ “Баракати Исфара” |
| **7.** | Бақоев Мирзоқодир | Директор | ҶДММ “Спитамен Текстайл” |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **8.** | Негматуллоева Равзанабону | Роҳбар | ҶДММ “Ресандаи Тоҷикистон” |
| **ВМКБ** | | | |
| **9.** | Зоолшоев Асадшо | Директор | Ассотсиатсияи Сайёҳии Эко-фарҳангии Помир (АСЭФП) |
| **10.** | Зеваршои Рустам | Директор | Кооперативи “Зиндагӣ” |
| **НТҶ** | | | |
| **11.** | Ҳомидов Акмал | Директор | ҶДММ «Фабрикаи қаннодии Амирӣ» |
| **12.** | Ҳасанов Абдулло | Директор | ҶДММ «Корвони Аср» |
| **13.** | Ризоев Асомуддин | Директор | ҶДММ «Рахш ЛТД» |

**Руйхати номзадҳо барои узвият дар Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушд**

| **№** | **Ному насаб** | **Вазифа** | **Вазифа ва ҷои кор** |
|---|---|---|---|
| 1 | Танабе Хайдеки | Роҳбар | Намояндагии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон |
| 2 | Ян Питер Олтер | Роҳбар | Намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Прадип Шривастава | Роҳбар | Намояндагии Бонки Рушди Осиё дар Тоҷикистон |
| 4 | Тсиркалюк Татьяна | Роҳбар | Намояндаи Корпоратсияи давлатии «Русал» |

*Замимаи №3 ба банди 20*
*Протоколи ҷаласаи XVIII Шӯрои машваратии*
*назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ*
*аз 26 январи соли 2018*

**Аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ, ки муҳлати ваколаташон ба итмом расидааст**

| № | Ному насаб | Вазифа ва ҷои кор | Муҳлати ваколат |
|---|---|---|---|
| 1. | Акбар Ғуломов | Роҳбари ҶДММ «Ғаюр» | Ба итмом расидааст |
| 2. | Набот Додхудоева | Роҳбари ҶДММ «Мадина ва ҳамкорон» | Ба итмом расидааст |
| 3. | Шораҳматов Шорауф | Раиси Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон | Ба итмом расидааст |
| 4. | Музаффар Саймудинов | Роҳбари ҶДММ «Кафолат» | Ба итмом расидааст |
| 5. | Фарҳод Акбаров | Раиси Ассосиатсияи ташкилоти маблағгузории хурди Тоҷикистон | Ба итмом расидааст |

**Аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ, ки мухлати ваколаташон ба итмом расидааст**

| № | Ному насаб | Вазифа ва ҷои кор | Мухлати ваколат |
|---|---|---|---|
| 1 | **Кристофер Миллер** | Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон | Ба итмом расидааст |
| 2 | **Хидает Бишчевич** | Сафир, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ба итмом расидааст |
| 3 | **Павел Лавров** | Директори кулли ҶСШК «НБО Сангтуда -1» | Ба итмом расидааст |